**Нусха**

аз карори №4-и шурои олимони факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, “30” ноябри соли 2022

**Иштирок доштанд:**
Давлатзода Ф. – номзади илмҳои педагогӣ, декани факултет, Раиси шуро;
**аъзоён:**
Ҷӯраев Ҳ. А. – номзади илмҳои педагогӣ, муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷик, муовини декан оид ба корҳои таълим;
Саидмирова С. М.- номзади илмҳои педагогӣ, муовини декан оид ба корҳои илмӣ;
Маҳмудова М. - муовини декан оид ба корҳои тарбия;
Нурзода А. Н. - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ;
Раҷабов Т. Б. – доктори илмҳои педагогӣ, и.в. профессори кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ;
Ғаффоров А. О.-доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ;
Боқиев Ҳ. О. – номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷик;
Фозилов С. М. - номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент, мудири кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ;
Мансурова Ҷ. С. - номзади илмҳои педагогӣ, и.в дотсент, мудири кафедраи педагогикаи умумӣ;
Кенҷаева З. Х. - номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент, мудири педагогика ва психология ва методикаи тарбияи томактабӣ;
Боев Ш. Р. – муаллими калон, мудири кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ;
Хайруллоев Б.- номзади илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи назария ва методикаи тарбияи мусиқӣ-бадеӣ;
Бегимов Ҳ. Х.- номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ;
Табаров Д. Д. - муаллими калони кафедраи методикаи таҳсилоти ибтидоӣ, Раиси иттифоқи касабаи факултет;
Мамадносирова М. М. – муаллими калони кафедраи педагогика ва психологияи синфҳои ибтидоӣ, Раиси занони факултет;
Тағоев С. С. – котиби шуро, муаллими калони кафедраи забон ва адабиёти тоҷик.

## РӮЗНОМАИ МАҶЛИС:

**Масъалаи чорӣ**

1. Экспертизаи даври дуюми диссертатсияи Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи "Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ

**Ф. Давлатзода** – Раиси Шуро

Маҷлисро оғоз карда гуфт, ки 17 нафар аъзои шурои олимони факултети педагогика ва 4 нафар аъзоёни экспертизаҳои холис иштирок доштанд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шурои олимон гузаронида шавад. Раиси шурои олимон пешниҳоди масъалаи гузаронидани ҷаласаро ба овоздиҳӣ гузошт. Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**Ф. Давлатзода -** Марҳамат, сухан ба унвонҷӯ Шукурзода Х.А.

Доктор (PhD) Шукурзода Хуршеди Абдумумин доир ба мухтавои асосии диссертатсия ва натиҷаҳои илмии таҳқиқ маъруза намуд. Баъд аз баромади доктор (PhD) суолу ҷавоб сурат гирифт. Шукурзода Х. А. ба саволҳои аъзои шурои олимон, профессорон Нурзода А., Раҷабов Т. Б. ва дотсентон Боқиев Ҳ. О., Фозилов С. М., Ҷалилова М. Н. посух дод.

Пас аз суолу ҷавоб баромади роҳбари илмии довталаб – номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Бегимов Ҳусен Худоёрович, муқарризони холис – доктори илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи технологияи иттилоотӣ ва методикаи таълими информатикаи ДДБ ба номи Носири Хусрав Файзализода Бахрулло Файзалӣ ва номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи методикаи таълими математикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ Маҳкамов Муҳаммадҷон шунида шуд. Тақризи роҳбари илмӣ ва муқарризони холис мусбат буд.

## БАРОМАД КАРДАНД:

Профессорон Нурзода А., Раҷабов Т. Б. ва дотсентон Боқиев Ҳ. О., Фозилов С. М., Ҷалилова М. Н., Ҷӯраев Ҳ. А. зимни баромадашон оид ба муҳиммияти мавзуъ, расидан ба ҳадафҳо, мақсад ва исботи фарзияи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти кори диссертатсионии Шукурзода Х. А. андешаҳои ҷолиби таваҷҷуҳ баён намуда, довталабро сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ ва диссертатсияи ӯро ба ҳимоя пешниҳод карданд.

Дар асоси бандҳои 50 ва 51-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами 267 тасдиқ шудааст,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Шукурзода Хуршеди Абдумумин дар мавзуи "Ташаккули фаъолияти таълимӣ-таҳқиқотии муаллимони ояндаи синфҳои ибтидоӣ мавриди омӯзиши назария ва амалияи ҳалли масъалаҳои матнӣ" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D010200 - Педагогика ва методикаи таълими ибтидоӣ барои дифоъ ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 назди МДТ-и "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров пешниҳод карда шавад.

2. Доир ба муҳиммияти мавзуъ, расидан ба ҳадафҳо, мақсад ва исботи фарзияи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти кори диссертатсияи Шукурзода Х. А. ва натиҷагирию дастовардҳои ӯ хулосаи шурои олимон дар мӯҳлати муайян пешниҳод карда шуда, аз Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ хоҳиш карда мешавад, ки хулосаи мазкурро тасдиқ намоянд.

Раиси шурои олимони факултети педагогика,
номзади илмҳои педагогӣ: Ф. Давлатзода

ФАКУЛТЕТИ ПЕДАГОГИКА

Котиби илмии шурои олимони факултети педагогика,

муаллими калон С. Тағоев

ФАКУЛТЕТИ ПЕДАГОГИКА